# **МАЪЛУМОТНОМА**

оид ба иҷроиши буҷети шаҳри Норак
дар 6 моҳи соли 2020

Нақшаи тасдиқшудаи қисми даромадии буҷети давлатии шаҳр дар 6 моҳи соли ҷорӣ 94,1 фоиз таъмин гардида, ба буҷет 26575,1 ҳазор сомонӣ маблағ ворид гардид, ки ин нисбат ба нақша тасдиқшуда 1673,2 ҳазор сомонӣ ва нисбати иҷроиши ҳамин давраи соли гузашта бошад (31670,5-**26575,1**) 5095,4 ҳазор сомонӣ ё ин, ки 16,1 фоиз кам мебошад.

Нақшаи тасдиқшудаи қисми даромадии буҷети маҳаллии шаҳр дар 6 моҳи соли ҷорӣ 100 фоиз таъмин гардида, ба буҷет 22371,9 ҳазор сомонӣ маблағ ворид гардид, ки ин нисбат ба нақшаи тасдиқшуда 81,8 ҳазор сомонӣ ва нисбати иҷроиши ҳамин давраи соли гузашта бошад (27369,1-**21522,0**) 5847,0 ҳазор сомонӣ ё ин, ки 21,4 фоиз кам мебошад.

Нақшаи ҳиссаҷудокунӣ ба буҷети вилоят дар дар 6 моҳи соли ҷорӣ 70,6 фоиз таъмин гардида, ба буҷети вилоят 4218,3 ҳазор сомонӣ маблағ равона карда шуд, ки ин нисбат ба нақшаи пешбинигардида 29,4 фоиз ё 1755,1 ҳазор сомонӣ кам ва нисбати ҳамин давраи соли гузашта 6,5 фоиз ё 291,1 ҳазор сомонӣ кам мебошад.

Сифатнокии андозу даромадҳо аз 68 то 140 фоиз иҷро гардидааст, ки андозҳои иҷро нагардида (6 намуд) ин андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард 68 фоиз иҷро гардида нисбати нақша 32 фоиз ё 890,2 ҳазор сомонӣ, андоз аз фоида 76,0 фоиз иҷро гардида нисбати нақшаи 24 фоиз ё 1179,4 ҳазор сомонӣ, андоз аздаромад 99,6 фоиз иҷро гардида нисбати нақшаи пешбинишуда 0,4 фоиз ё 39,8 ҳазор сомонӣ, андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт 95 фоиз иҷро гардида нисбати нақшаи пешбинишуда 5 фоиз ё 36,5 ҳазор сомонӣ, боҷи давлатӣ 85 фоиз иҷро гардида нисбати нақша 15 фоиз ё 47,5 ҳазор сомонӣ кам маблаѓ ворид гардидааст.

Бақияпулии андозҳо мувофиқи маълумотҳои Нозироти андози шаҳр бо дар назардошти андози иҷтимоӣ ба ҳолат 1 июли соли ҷорӣ 2217,5 ҳазор сомониро ташкил дод, ки нисбат ба аввали сол ба маблағи 1994,3 ҳазор сомонӣ кам шудааст, аз ҷумла:

| | |
|---|---|
| ба 1- январ | 4211,8 ҳазор сомонӣ |
| ба 1-июни | 2217,5 ҳазор сомонӣ |
| аз он андозҳо | 1514,0 ҳазор сомонӣ |
| андози иҷтимоӣ | 704,5 ҳазор сомонӣ мебошад. |

Иҷроиши қисми хароҷотии буҷети маҳаллӣ бо дар назардошти тағйироту иловаҳо дар шаш моҳ 89,7 фоиз таъмин гардида, ба ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ 21369,2 ҳазор сомонӣ маблағгузорӣ карда шуд, ки нисбати нақша 10,3 фоиз ё 2465,3 ҳазор сомонӣ ва нисбати ҳамин давраи соли гузашта бошад 4211,6 (25580,8-**21369,2**) ҳазор сомонӣ ё 16,5 фоиз кам мебошад.

Хароҷотҳо дар соҳаҳои буҷетӣ аз рӯи нақшаи пешбинишуда чунин аст:

| | |
|---|---|
| - мақомоти роҳбарикунанда | - 1050,7 ҳазор сомонӣ, ё ин ки 74,1 фоиз; |
| - комиссариати ҳарбӣ | - 158,2 ҳазор сомонӣ, ё ин ки 72,0 фоиз; |
| - соҳаи Ҳифзи ҳуқуқ | - 66,0 ҳазор сомонӣ, ё ин ки 53,7 фоиз; |
| - соҳаи Маориф | - 12025,0 ҳазор сомонӣ, ё ин ки 88,8 фоиз; |
| - соҳаи Тандурустӣ | - 5723,9 ҳазор сомонӣ, ё ин ки 98,0 фоиз; |
| - Ҷубронпулиҳо | - 109,4 ҳазор сомонӣ, ё ин ки 100,0 фоиз |
| - соҳаи Ободонӣ | - 1473,2 ҳазор сомонӣ, ё ин ки 96,3 фоиз; |
| - соҳаи Фарҳанг | - 679,0 ҳазор сомонӣ, ё ин ки 75,4 фоиз; |
| - соҳаи Хоҷагии қишлоқ | - 78,2 ҳазор сомонӣ, ё ин ки 90,1 фоиз; |
| - Дигар хароҷотҳо | -5,4 ҳазор сомонӣ, ё ин ки 24,8 фоиз. |

Агар хароҷотҳоро аз рӯйи моддаҳои хароҷоти таҳлил намоем, чунинанд:

- музди меҳнат ва иловапулиҳо -17722,0 ҳаз. сомонӣ ё 100 фоиз (83,0 % иҷ. буҷет);
- ҷубронпулию кумакпулиҳо - 129,1 ҳазор сомонӣ 97 фоиз (0,6 % иҷ. буҷет);
- пардохтҳои коммуналӣ - 694,5 ҳазор сомонӣ 78 фоиз (3,3 % иҷ. буҷет);
- пардохти хизмати алоқа - 18,7 ҳазор сомонӣ 45 фоиз (0,08 % иҷ. буҷет);
- хариди молу хизматҳо - 1462,3 ҳазор сомонӣ 58 фоиз (6,8 % иҷ. буҷет);
- нигоҳдори ва таъмир - 1201,5 ҳазор сомонӣ 58 фоиз (5,6 % иҷ. буҷет);
- хариди таҷҳизот - 108,4 ҳазор сомонӣ 33 фоиз (0,5 % иҷ. буҷет);
- дигар хароҷотҳо - 32,6 ҳазор сомонӣ 65 фоиз (0,2 % иҷ. буҷет);